Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 35 (4618) | ҶУМЪА, 10 МАРТИ СОЛИ 2023 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад



## МУЛОҚОТИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БО РАШИД МЕРЕДОВ

**Нуҳуми марти соли ҷорӣ дар Маҷмааи давлатии «Қасри миллат» Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муовини Раиси Девони вазирон, вазири корҳои хориҷии Туркманистон Рашид Мередовро ба ҳузур пазируфтанд.**

Дар рафти суҳбат маҷмӯи васеи масоили ҳамкории ҳар ду кишвар баррасӣ гардид.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз сатҳи ҳамкории кишварҳо, ки бемайлон тавсеа ёфта, соҳаҳои гуногуни мавриди таваҷҷуҳи тарафайнро фаро гирифтаанд, изҳори қаноатмандӣ карданд.

Зимни баррасии масъалаҳои муносибатҳои дуҷонибаи дӯстию ҳамкорӣ пешниҳод гардид, ки кори комиссияи байниҳукуматии Тоҷикистону Туркманистон оид ба ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ ва илмию техникӣ, фаъолияти шӯрои тиҷоратӣ ҷоннок карда шавад.

Рушду густариши муносибатҳои ҳамкорӣ дар соҳаҳои нақлиёту боркашонӣ, таъсиси корхонаҳои саноатӣ ва истифодаи долонҳои нақлиётии Туркманистон аз самтҳои ояндадори ҳамкориҳои ҳар ду кишвар арзёбӣ гардид.

Ҷонибҳо бо изҳори қаноатмандӣ фаъол гардидани робитаҳо ва ҳамкориҳои байнипарлумониро, ки дар пешбурди маҷмӯи муносибатҳои ҳар ду кишвар нақши муҳим доранд, қайд намуданд.

Дар мулоқот ҷиҳати густариши ҳамкории гуманитарии кишварҳо, идомаи тадбирҳо барои гузаронидани конференсияҳои якҷояи байналмилалии илмию амалӣ, фестивалу симпозиумҳо, инчунин ташкил намудани вохӯриҳои аҳли зиёи ҳар ду кишвар зарур шуморида шуд.

Дар рафти вохӯрӣ вазъи феълии муносибатҳои ҳамкории ҳар ду кишвар дар чаҳорчӯбаи ташкилоту созмонҳои бонуфуз, аз қабили Созмони Милали Муттаҳид, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Фонди байналимилалии наҷоти Арал, мулоқоти машваратии сарони давлатҳои Осиёи Марказӣ, инчунин дигар масъалаҳои муҳими рӯзномаи байналмилалию минтақавӣ баррасӣ гардид.

Дар фарҷом ҷонибҳо ҷадвали чорабиниҳо ва мулоқоту тамосҳои дуҷонибаи дарпешистодаро мавриди назар қарор доданд.

## ПЕШВОИ МИЛЛАТ АЗ САФИРОНИ НАВ ЭЪТИМОДНОМА ҚАБУЛ КАРДАНД





**9 - уми марти соли 2023 дар Маҷмааи давлатии «Қасри миллат» Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз сафирони нави фавқулода ва мухтори кишварҳои хориҷӣ эътимоднома қабул карданд.**

Зимни маросим ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сафирони фавқулода ва мухтори Иёлоти Муттаҳидаи Амрико Мануел Микаллер, Туркия Умут Аҷар, Давлати Қатар Муборак Абдураҳмон Муборак ал-Наср, Ҷумҳурии Молдова Лилиан Дарий, Ҷумҳурии Ирландия Брайан Макэлдафф, Португалия хонум Мария Мадалена Лобу Карвалю Фишер, Ҷумҳурии Кипр Кипрос Йоргалис, Ҷумҳурии Чили Эдуардо Эскобар, Ҷумҳурии Уганда Муҳаммад Тезикуба Кисамбира ва Зеландияи Нав хонум Сари Мэри Уолш эътимодномаҳоро бо паёму дуруд аз роҳбарияти кишварҳои хеш тақдим карданд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронӣ ҳамаи сафиронро ба муносибати таъин гардиданашон ба ин маснади сермасъулият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон самимона табрику таҳният гуфта, бо итминон иброз доштанд, ки фаъолияти самараноки онҳо омили муассири рушду таҳкими муносибатҳои дӯстӣ ва ҳамкориҳои гуногунсоҳа байни кишварҳо хоҳад гардид.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуданд, ки Тоҷикистон тӯли солҳои соҳибистиқлолӣ бо доираи васеи ҷомеаи олам ҳамкориҳои судманду баробарҳуқуқро дар ҳама соҳаҳои мавриди таваҷҷуҳ ба роҳ монда, пайгирона густариш медиҳад.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, аз ҷумла, чунин изҳори умед карданд: «Кишварҳои мо, бо такя ба ғояҳои волои умумибашарӣ, минбаъд низ робитаҳои дӯстӣ ва ҳамкориҳои судманди худро боз ҳам тақвият бахшида, густариш хоҳанд дод».

Таъкид гардид, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси консепсияи сиёсати хориҷии худ ҷиҳати таҳкими муносибатҳои дӯстӣ ва пешбурди ҳамкориҳои судманд бо ҳамаи кишварҳои ҷаҳон кӯшишҳои пайваста ба харҷ медиҳад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба рушду таҳкими робитаҳои дӯстӣ ва ҳамкории гуногунҷанбаи судманди Тоҷикистон бо Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Туркия, Давлати Қатар, Ҷумҳурии Молдова, Ҷумҳурии Ирландия, Португалия, Ҷумҳурии Кипр, Ҷумҳурии Чили, Ҷумҳурии Уганда ва Зеландияи Нав андешаронӣ карданд.

Президенти мамлакат омодагии Тоҷикистонро ҷиҳати бо иқдомҳои мушаххас ғанӣ гардонидани мазмуну муҳтавои муносибатҳои кишварҳо дар соҳаҳои гуногуни мавриди таваҷҷуҳи тарафайн, ки дорои зарфиятҳои зиёди ҳанӯз истифоданашуда мебошанд, таъкид намуданд.

Ҳамчунин, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои дастгирии ташаббусҳои ҷаҳонии Тоҷикистон оид ба ҳалли мушкилоти обу иқлим изҳори сипос карда, бори дигар ба ҳамаи сафирон ба муносибати оғози фаъолияташон барору комёбӣ орзу намуда, омодагии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҷиҳати мусоидати ҳамаҷониба дар иҷрои рисолати дипломатиашон иброз доштанд.

**www.president.tj**

## НОМАИ ШОДБОШӢ



**Даҳуми марти соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Раиси Ҷумҳурии Халқии Хитой муҳтарам Си Ҷинпин номаи шодбошӣ ирсол намуданд, ки дар он гуфта мешавад:**

**«Муҳтарам ҷаноби Раис!**

Сарфарозам Шуморо ба муносибати аз нав интихоб гардиданатон ба вазифаи Раиси Ҷумҳурии Халқии Хитой самимона табрик намоям.

Интихоб гардидани Шумо ба ин маснади олии давлатӣ боз як нишонаи эътирофи обрӯву эҳтироми баланди Шумо дар ҷомеаи Хитой, ҳамчунин дастгирии якдилонаи роҳи сиёсии Шумо дар кишвар мебошад.

Боиси хушнудист, ки Ҷумҳурии Халқии Хитой ҳамсояи наздик ва шарики боэътимоди мо дар арсаи байналмилалӣ таҳти роҳбарии хирадмандонаи Шумо дар шоҳроҳи рушди иҷтимоиву иқтисодӣ устуворона пеш рафта, нуфузу мавқеи байналмилалиашро бомаром таҳким мебахшад.

Мо аз ҷараёни густаришу тавсеаи бемайлони шарикии стратегии ҳамаҷонибаи Тоҷикистону Хитой, ки бар анъанаҳои қавии дӯстӣ, ҳусни ҳамҷаворӣ, эътимоду эҳтироми ҳамдигар ва ҳамкории созандаи барои ҷонибҳо судманд асос ёфтаанд, изҳори қаноатмандӣ менамоем.

Тоҷикистон ҳамеша ҷонибдори таҳкими муносибатҳои гуногунҷанба бо кишвари Шумо мебошад ва идомаи муколамаи фаъоли байнидавлатии ҳар ду кишварро омили калидии пешбурди муваффақонаи ин раванд медонад.

Бовар дорам, ки мо бо саъю талошҳои муштарак, бахусус дар чорчӯбаи мулоқоту музокироти сатҳи олии дарпешистода, робитаҳои ҳамкории ҳар ду кишварро мутобиқ ба манфиатҳои аслии мардумонамон бо мазмуну муҳтавои нави амалӣ боз ҳам ғанӣ хоҳем гардонид.

Ба Шумо, дӯсти гиромӣ, сиҳатмандии комил ва дар фаъолияти пурмасъули давлатиатон комёбиҳои навин, ба мардуми дӯсти Хитой сулҳу осоиш, некуаҳволӣ ва шукуфоии устувор орзу менамоям».

**www.president.tj**

## ИТТИЛОИЯ

**Дар бораи Иҷлосияи сенздаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум**

Иҷлосияи сенздаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум 15-уми марти соли 2023, соати 10-00 дар маҷлисгоҳи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор мегардад.

Аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 14-уми марти соли 2023 аз соати 09-00 то соати 17-00 ва 15-уми марти соли 2023 аз соати 08-00 то 09-30 дар шуъбаи ташкилии Дастгоҳи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта мешаванд.

**Телефонҳо: 221-98-35, 221-12-47.**

## ВОХӮРИИ МАҲМАДАЛӢ ВАТАНЗОДА БО ҲУССОМ АБДУЛМУҲСИН АЛ - АНҚАРӢ



**Нуҳуми марти соли ҷорӣ муовини якуми Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадалӣ Ватанзода бо Президенти Девони муҳосиботи Подшоҳии Арабистони Саудӣ Ҳуссом Абдулмуҳсин Ал-Анқарӣ мулоқот намуд.**

Маҳмадалӣ Ватанзода роҷеъ ба фаъолияти парламенти касбии мамлакат иттилоъ дода, афзуд, ки Подшоҳии Арабистони Саудӣ аз аввалин кишварҳое мебошад, ки Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро 11-уми январи соли 1992 ба расмият шинохт ва 22-юми феврали соли 1992 ҳар ду кишвар робитаҳои дипломатиро расман ба роҳ монданд.

Заминаи ҳуқуқии муносибатҳои байни ҳар ду кишвар аз 15 санад таркиб ёфтааст. Санадҳои ба имзорасида аз як изҳороти матбуотӣ, ки хусусияти декларативӣ дорад, се протокол, панҷ созишнома, як конвенсия, чор ёддошти тафоҳум ва як барномаи ҳамкорӣ иборат мебошад.

Дар хусуси табодули таҷриба зикр шуд, ки моҳи майи соли 2016 Раиси Маҷлиси Шӯрои Подшоҳии Арабистони Саудӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон сафари расмӣ намуд. Ҷавобан Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 21-27-уми январи соли 2017 сафари расмӣ анҷом дод, ки барои таҳкими муносибатҳои байнипарламентӣ аҳамияти хоса доранд.

Айни ҳол муносибатҳои мутақобилаи судмандро гурӯҳҳои дӯстии парламентҳо идома дода истодаанд. Барои тавсеаи муносибатҳо дар соҳаҳои иқтисоду тиҷорат ва иҷтимоиёт имкониятҳои то ҳол истифоданашуда зиёданд. Аз ҷумла, густариши муносибатҳо вобаста ба ҳамкориҳо дар соҳаи аудити давлатӣ, ки ба роҳ мондани муколамаи минбаъда ва талошҳои муштаракро ҷиҳати ноил гардидан ба пешравиҳо тақозо менамояд.

Таъкид гардид, ки ба роҳ мондани ҳамкорӣ дар самти пешгирии терроризми байналмилалӣ, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва дигар амалҳое, ки боиси номуътадилии авзои минтақа мегарданд, ба нафъи ҳар ду давлат хоҳад буд.

**Муҳаммадато СУЛТОНОВ,**
**мудири шуъбаи матбуоти Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.**
**Суратгир Неъматулло АЛИЕВ**

## ТАЪСИСИ ГУРӮҲИ ДӮСТИВУ ҲАМКОРӢ МУФИД АСТ



**Нуҳуми марти соли ҷорӣ муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Дилрабо Мансурӣ бо сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Португалия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хонум Мария Фишер мулоқот намуд.**

Дар мулоқот таъкид шуд, ки муносибатҳои дипломатӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Португалия 4-уми августи соли 1992 барқарор шуданд. Ташаккул ва рушди ҳамкориҳои дуҷониба бо ин кишвар яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати хориҷии Тоҷикистон дар минтақаи Аврупо маҳсуб мешавад.

- Дар парлумони мо зиёда аз 70 гурӯҳи байнипарлумонӣ ва ҳамкорӣ бо кишварҳои дигар самаранок фаъолият доранд. Мо ба таҳкими ҳамкориҳои байнипарлумонӣ бо парлумони Португалия - Ассамблеяи Ҷумҳурии Португалия ҳавасманд буда, зарур мешуморем, ки байни Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ассамблеяи Ҷумҳурии Португалия гурӯҳи дӯстӣ ва ҳамкорӣ таъсис дода шавад, - гуфт дар интиҳо Дилрабо Мансурӣ.

**Муҳаммадато СУЛТОНОВ, мудири шуъбаи матбуоти Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Дар кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

# БАРРАСИИ ҚОНУНҲО ВА ПЕШНИҲОДИ ХУЛОСАҲО



**Нуҳуми марти соли 2023 таҳти раёсати раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният Раҳмон Дилшод ҷаласа баргузор гардид.**

Дар он 24 масъала, аз ҷумла қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масунияти юрисдиксионии давлати хориҷӣ ва моликияти он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи муқовимат ба қонунигардонӣ (расмикунонӣ)-и даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом», «Дар бораи хариди давлатӣ», «Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ ва имзои электронӣ», «Дар бораи ворид намудани тағйироту илова ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ», «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор», «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон», «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ», инчунин пешниҳодҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи бозхонди судяҳои Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, «Пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хусуси ба категорияи деҳа мансуб донистани маҳали аҳолинишини деҳоти ба номи Ҷомии ноҳияи Зафаробод ва номгузорӣ намудани он ба деҳаи Заррез», «Номаи Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба вазъи қонунияти конститутсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2022», иҷрои Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 марти соли 2022, №258 «Оид ба ҳисоботи прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳо дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2021» ва ҳисоботи навбатии прокурори генералӣ доир ба риоя ва иҷрои қонунҳо дар соли 2022 баррасӣ гардиданд.

Дар робита ба масъалаҳои зикршуда аъзои кумита дар алоҳидагӣ хулосаҳоро қабул ва ба Иҷлосияи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намуданд.

**С. СУННАТӢ, «Садои мардум».**
**Суратгир Неъматулло АЛИЕВ**

# САБАҚҲОИ ДИРӮЗУ МУШКИЛОТИ ИМРӮЗИ МАТБУОТИ ДАВРИИ ТОҶИК

**Пайдоиши рӯзномаву маҷаллаҳо дар кишварҳои гуногун ба се омили асосӣ: сиёсӣ, тиҷоратӣ, равшанфикрӣ ва ё маорифпарварӣ алоқаманд аст. Барои халқҳои Осиёи Миёна, аз ҷумла тоҷикон, омили сиёсӣ бетаъсир набошад ҳам, омили маорифпарварӣ бартарӣ доштааст. Дар охири садаи XIX ва оғози садаи XX бо ғасби қисме аз шаҳру водиҳои Осиёи Миёна аз тарафи Ҳукумати подшоҳии рус равияи маорифпарварӣ, ки аз Аҳмади Дониш (1826 – 1897) шурӯъ гардида буд, қувват гирифт. Равшанфикрону маорифпарварон дарёфтанд, ки яке аз сабабҳои тараққиёту пешрафти кишварҳои Аврупо ва қафомонии мамолики Шарқ, аз ҷумла Осиёи Миёна, ба илму маориф алоқаманд аст.**

Маҳз ҳамин равияи маорифпарварӣ боис гардид, ки дар оғози садаи XX бо ҳиммати ҷавонони бедор – Садриддин Саидмуродхоҷа Айнӣ, Абдулвоҳиди Мунзим, Ҳомидхоҷаи Меҳрӣ ва Аҳмадҷони Ҳамдӣ дар Бухоро аввалин мактаби усули нав роҳандозӣ шуд. Бо кӯшишу ҳиммати Мирзомуҳиддин, Мирзосироҷи Ҳаким ва дастгирии консулгарии Россияи подшоҳӣ дар Бухоро нахустрӯзномаи тоҷикии Осиёи Миёна «Бухорои шариф» (1912) рӯйи чоп омад. Ин ҳодисаҳои фарҳангӣ қадами ибтидоие буд дар роҳи ташаккули афкору маърифати иҷтимоӣ ва худшиносии тоҷикон.

Ҳамин тавр, зери таъсири ин ва дигар омилҳо 11-уми марти соли 1912 (4 рабеъулохири 1330-и ҳиҷрӣ) дар матбааи хусусии тоҷири яҳудитабор Л. Н. Левин, дар шаҳраки Когон шумораи аввалини «Бухорои шариф» ба табъ расид. Ҳарчанд ин нахустрӯзномаи тоҷикӣ то 2 - юми январи соли 1913 ба табъ расид, аммо дар таъриху фарҳанги тоҷикон, инкишофи минбаъдаи матбуоти даврӣ нақши муҳим гузошт.

Дастандаркорони «Бухорои шариф» пешрафти тамоми соҳаҳои иҷтимоиро ба мактабу маориф марбут дониста, бунёди ҷомеаи инсонпарварро дар аморати Бухоро ва Туркистон, асосан, тавассути ислоҳи дақиқи соҳаи маориф тасаввур мекарданд. Анъанаи неку арзишманди «Бухорои шариф» дар нашрияҳои дигари аввали садаи XX, аз ҷумла маҷаллаи хусусии «Оина», нахустҳафтаномаи даврони шӯравии тоҷик – «Шуълаи инқилоб», нахустрӯзномаҳои «Овози тоҷик» ва «Бедории тоҷик» идома ёфт. Ин ва дигар нашрияҳо маҳз дар хусуси мактабу маориф сухан ба миён оварда, мардумро барои бештар баҳра бардоштан аз илму маърифати замона ва равшанфикронро ба иншо ва таҳияи дастуру воситаҳои таълимии ба талаботи замон мувофиқ даъват намудаанд, ки дар даврони соҳибистиқлолии кишварамон аҳамияти дучанд касб кардааст.

Таърихи матбуоти даврии тоҷикро, дар умум ба се давраи асосӣ ҷудо намудан мумкин аст. Давраи аввал то Инқилоби октябри соли 1917 аст, ки аз «Бухорои шариф» то нашрияҳои Беҳбудӣ – «Самарқанд» ва «Оина» давом мекунад. Давраи дуюм ба замони Иттиҳоди Шӯравӣ рост меояд, ки бо нашри аввалин нашрияҳои ҳизбии тоҷикӣ – «Шуълаи инқилоб» (1919-1921), «Овози тоҷик» (1924) ва «Иди тоҷик» (1925) ибтидо гирифта, то аз байн рафтани ИҶШС идома ёфтааст.

Марҳилаи нав аз нимаи дуюми даҳсолаи 1980-ум шурӯъ шуда, пас аз Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон ҳукми қонунӣ пайдо кард.

Матбуоти даврӣ дар марҳилаҳои гуногуни инкишофи ҷомеа на танҳо вусъат пайдо карда, дар тарғиби ғояҳои давру замон пешқадам шуд, балки ба ҷузъи таркибии ҳаёти иҷтимоии мардум мубаддал гардид. Рӯзномаву маҷаллаҳо воқеиятро инъикос мекарданд, ҳақиқатро талқин менамуданд, бо бадиҳо мубориза бурда, корафтодагонро дастгирӣ мекарданд. Ба ин минвол нашрияҳои даврӣ ҳамчун оина зиндагии мардумро ба худашон намо медоданд. Идораи нашрияҳои даврӣ даргоҳи умеду ормонҳои мардум буданд. Матбуоти даврӣ, ҳамчунин, дар пайдоиш ва ташаккули фаъолияти рӯзноманигории воситаҳои электронии ахбори омма мусоидат кард. Ҳамаи ин обрӯ ва эътибори матбуотро дар ҷомеа баланд бардошт.

Имрӯз низ матбуоти даврӣ аз аносири ҷудонашаванда ва муҳими давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягонаи Тоҷикистон ба ҳисоб меравад, ки дар инъикоси воқеоти рӯз, баланд бардоштани ҳисси ватандӯстиву худогоҳии мардум, тарғиби ғояҳои пешқадами замон, ташаббусҳои байналмилалии Тоҷикистон ва ташаккули афкори созандаву бунёдкор нақши бориз дорад.

Аз ин лиҳоз мавқеъ пайдо кардани шабакаҳои иҷтимоӣ дар фазои иттилоотӣ ҳарчанд барои воситаҳои ахбори оммаи чопӣ мушкилот ба вуҷуд оварда бошад ҳам, зарурати будани он ҳанӯз эҳсос мешавад. Пӯшида нест, ки хонандагони воқеии нашрияҳои даврӣ (шакли чопӣ) сол ба сол кам гардида, аксарияти хонандагон аудиторияи ниҳодианд, ки ба ин ё он зарурат ба рӯзномаву маҷаллаҳо обуна шудаанд. Бинобар ин, теъдоди нашри рӯзномаву маҷаллаҳо ҳанӯз бозгӯи нуфузу эътибори онҳо дар фазои иттилоотӣ нест. Агар аз ин нуқта ба вазъи матбуоти даврии кишвар назар афканем, мушкилот ночиз аст. Ҳамаи нашрияҳои даврии расмии ҷумҳуриявию вилоятӣ, шаҳриву ноҳиявӣ, ҳамчунин, соҳавӣ ва муассисавӣ, ки аудиторияашон ниҳодӣ аст, имкон доранд аз ҳисоби обуна ҳастии худро таъмин намоянд. Дар айни замон аксарияти нашрияҳои шаҳриву ноҳиявии мо гӯё барои таърих хидмат мекунанд, ба иборае мундариҷаи онҳо ба афкори мардум камтар таъсир мерасонад, балки доир ба таърихи имрӯзи маҳал ба пажӯҳандагони оянда ҳамчун сарчашма хидмат мекунанд. Пас мушкилот на дар нашр, балки дар муҳтаво ва муносибат ба воқеиятҳои иҷтимоӣ аст.

Барои рӯзноманигорони воситаҳои ахбори оммаи чопӣ муносибати таҳлилӣ ва интиқодӣ манфиатовартар аст. Бо таъмини ҷомеа бо иттилооти сареи дорои аҳамияти иҷтимоӣ вазифаи рӯзноманигор ва ё воситаҳои ахбори омма ба охир намерасад. Фаҳмонидани моҳияти иттилоот ва ба ин васила таъсири мусбат расондан ба дарку маърифати аудитория паҳлуи дигари рисолати рӯзноманигорон аст. Дар низоми воситаҳои ахбори омма чунин имконро бештар матбуоти даврӣ дорад. Агар чунин аст, пас матбуоти даврӣ рисолаташ баландтар шудааст. Саҳифаҳои нашрияҳои даврӣ бояд ҷойи суҳбат, музокира, баҳс ва таҳлилу баррасии воқеиятҳои муҳими иҷтимоӣ қарор гиранд, дар ба шакл даровардани афкори солим ва дарку маърифати иҷтимоию сиёсии шаҳрвандон мусоидат кунанд. Имрӯз, ки фазои сиёсиву иҷтимоии ҷаҳон ба буҳрони шадид рӯ ба рӯ шуда, ҳизбу ҳаракатҳои гуногуни моҷароҷӯву исёнгар қувват мегиранд, таҳоҷуми иттилоотӣ бештар ба назар мерасад. Дар ин маврид, ҳифзи арзишҳои миллӣ зарурати бештар ва нақши таҳлиливу тафсилии матбуоти даврӣ аҳамияти дучанд пайдо мекунад.

Матбуоти даврӣ дар муқоиса бо воситаҳои электронии ахбори омма дар таҳлилу баррасии воқеии ин гуна равияҳо, таҳоҷум, бегонапарастиҳо ва гирифтани пеши роҳи онҳо имкони зиёдтар дорад, зеро сухани он ҳосили фикри соҳибназарон буда, бо факту далел асоснок мешавад. Аз тарафи дигар, низоми сертаркибаи матбуоти даврӣ имкон фароҳам меорад, ки доираи мавзӯъҳои рӯзномаву маҷаллаҳо васеъ, усули инъикос ва баррасии масъалаҳои иҷтимоӣ ва диду назарҳои муаллифон гуногун гардад.




Масъалаи дигаре, ки имрӯз дар фазои илмиву амалии рӯзноманигорӣ пайдо шудааст, тақдири матбуоти даврӣ дар шароити рушду инкишофи бемайлони техника ва технологияи коммуникатсионию иттилоотӣ аст. Табиист, ки ҳар як мавҷудот пайдо мешавад, шакл мегирад, рушд мекунад, таҳаввул меёбад ва маҳв мешавад. Тавре ишора намудем, имрӯз бо рушди техника ва технологияи замонавӣ, бахусус хусусияти оммавӣ пайдо кардани интернет, шакл гирифтани сомонаҳои шабакавӣ байни муҳаққиқон ва коршиносони соҳа андешаи будан ва ё аз байн рафтани матбуоти анъанавиро ба миён овардааст. Албатта, рушди воситаҳои электронии ахбори омма ва доман паҳн кардани шабакаҳои иҷтимоӣ мавқеи матбуоти давриро дар фазои иттилоотӣ то андозае танг мекунад, аммо онро ба нестӣ расонда наметавонад. Хусусан дар ҳолате, ки матбуот таъиноташро дигар карда, аз воқеанигории рӯзноманигорӣ ба андешаназарии публитсистӣ майл кунад.

Ба ин маънӣ рӯзномаҳои анъанавиро мебояд таъинот ва рисолаташонро дигар кунанд, ба талаботи замон ва рӯҳи ҷомеа мувофиқ шаванд. Агар маводи нашрияҳои даврӣ айнан дар сомонаҳо ҷой дода шавад, таваҷҷуҳи хонанда барои дастрасии рӯзнома кам мешавад. Дар сомона пурра гузоштани маводи шумораҳои нашрия низ манфиатбор нест. Дар аввал метавонем маводи шумораҳоро дар шакли хулосаи тарғибӣ ҷой диҳем. Агар хонанда таваҷҷуҳ зоҳир кард, ӯ аз паси дарёфти матни асосӣ мешавад. Дар ин ҳолат рӯзномаро пайдо мекунад, онро мехонад.

Аз тарафи дигар, рӯзноманигорони нашрияҳои давриро мебояд ба маънидод кардани воқеаҳо, нишон додани пасманзараи онҳо, дарёфти роҳҳои ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ бештар таваҷҷуҳ зоҳир намоянд.

Ин ҳолат ва имконият зарурати ҳалли паҳлуи дигари қазияи касбиро ба миён меорад, ки он ба тарбияи рӯзноманигорон алоқаманд аст. Масъалаи асосӣ дар куҷо пахш кардан не, балки чӣ пахш кардану чӣ гуна таъсир расондан аст. Яъне, дар бораи воқеиятҳои иҷтимоӣ кӣ менависад ва навиштаи ӯ то кадом дараҷа ба ҷомеа таъсири мусбат расонда метавонад. Дар воситаҳои ахбори оммаи имрӯза ин ҷиҳат муҳимтар аст ва он ба тарбияи рӯзноманигорон иртибот дорад.

Аксари муҳаққиқон журналистикаро санъат медонанд, ки нодуруст нест. Яъне, барои журналисти хуб шудан қобилияту маҳорати хосса нақши муҳим мебозад. Аммо қобилияту маҳорати журналист танҳо бо суханварӣ ва ё навишта тавонистан маҳдуд намешавад. Ӯ бояд мустақилона мавзӯъро пайдо кунад, бо сарчашмаҳои гуногуни дастрасии иттилоот муроҷиату муошират карда тавонад, маводи ҷамъовардаашро ба низом даровarda, ба мақсад мувофиқ созад, дар заминаи факту далелҳо мавзӯъ ва ё масъаларо матраҳ кунад, дар баррасии масъала мавқеи нашрия ва диду назари хонандаро ба эътибор гирад. Дар иҷрои ин вазифаҳо касбият, дониш, сатҳи тафаккур, ҷаҳонбинӣ ва масъулиятшиносӣ мададгор мешавад.

Эҳтироми касб, содиқ будану бо муҳаббат кор кардан ба камолоти касбияти рӯзноманигор таъсир мерасонад.

Рушди технологияи иттилоотӣ тақозо менамояд, ки рӯзноманигорон аз имкониятҳои техникӣ самаранок истифода баранд. Ин технология ҳам ба сифати фаъолияти кормандон, хосса аҳли эҷод ва ҳам ба шароити кори онҳо, мусоидат мекунад. Дар ин раванд яке аз қазияҳое, ки барои рӯзноманигорон, аз ҷумла кормандони матбуоти даврӣ ба миён омадааст, донистани технологияи замонавии касбӣ ва истифодаи самараноки он аст. Асри рушди илму техника аз рӯзноманигорон дар баробари маърифати соҳаҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоӣ дарки техникиро низ талаб мекунад. Рӯзноманигори имрӯз фаъолияти универсалӣ дорад, ӯро дар баробари донишу ҷаҳонбинии амиқи иҷтимоиву сиёсӣ мебояд аз қонунмандиҳои журналистикаи чандрасонаӣ хуб баҳраманд бошад, дар раванди кор аз онҳо самаранок истифода намуда, дар такя ба омилҳои техникиву технологӣ мустақилона амалҳои гуногуни касбиро иҷро карда тавонад.

Ҳамин тавр, пас аз 111 сол дар бораи «Бухорои шариф» меандешем ва андешаамон нек аст. Чаро? Зеро масъулини ин нашрия «муносиби ҳоли мардум сухан гуфта, салоҳи амри умумро дар назар доштаанд». Дар ба вуҷуд омадани ин нашрия омилҳои гуногуни худиву бегона (хориҷӣ) таъсир расонда бошанд ҳам, дастандаркорони он дар раванди фаъолият ин авомилро ба ҳам омезиш дода, ба он рӯҳи миллӣ бахшидаанд. Агар чунин рӯҳия, усул ва шеваро нашрияҳои даврии мо низ маслаки асосӣ қарор диҳанд, на танҳо дар рақобати касбӣ бо воситаҳои дигари ахбори омма пешқадам мешаванд, балки дар фазои иттилоотии кишвар рисолати худро ба шакл медароранд, ки он таҳлилгароиву маърифатбахшӣ хоҳад буд.

**Мурод МУРОДӢ,**
**профессори ДМТ**

# ОБШАВИИ ПИРЯХҲО - ЗАРУРАТ БАРОИ ТАДҚИҚОТИ МУШТАРАКИ ИЛМӢ





***Соли 2009 зимни баргузории Конфронси байналмилалӣ оид ба тағйирёбии иқлим Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин изҳор доштанд: «Тоҷикистонро метавон намунаи сайёра шуморид, зеро дар ҳудуди на он қадар бузурги кишвари мо қариб тамоми минтақаҳои иқлимиро бо тафриқаи ҳарорати аз 50 дараҷа гармӣ то 60 дараҷа сардӣ дучор омадан мумкин аст. Чунин шароит барои ташкил намудани мушоҳидаҳои пайваста ба иқлим ва гузаронидани корҳои илмиву тадқиқотӣ дар ин соҳаи муҳим заминаи хуб аст. Мувофиқи ақидаи олимон, таҳқиқи танҳо пиряхи Федченко, ки яке аз пиряхҳои калонтарини олам мебошад, имкон медиҳад тағйирёбии иқлим дар якчанд ҳазорсолаи охир муайян карда шавад. Натиҷаҳои ин таҳқиқот, бешубҳа, дар рушди илми ҷаҳонӣ оид ба иқлим нақши муҳим хоҳанд бозид».***

***Вобаста ба ин масъала бо директори Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Ориф Амирзода ҳамсуҳбат шудем.***

**- Назаратонро оид ба ҷанбаҳои илмии ташаббусҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баён кунед.**

- Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иқдомҳои инсондӯстона ва бунёдкоронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вобаста ба мушкилоти соҳаи обу иқлим дар муддати на чандон тӯлонӣ дар сатҳи байналмилалӣ нуфузу эҳтиромашро баланд бардошт. Ин ташаббусҳо дар сатҳи байналмилалӣ Тоҷикистонро ҳамчун кишвари фаъолу ташаббускор муаррифӣ намуд. Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи устуворро тавассути ин иқдомоти беназир дар ин самт собит намуд.

Захираҳои об ва вазъи пиряхҳо, ки манбаи асосии оби тоза ба ҳисоб мераванд, зери таъсири тағйирёбии глобалии иқлим ва рушди саноат дар миқёси ҷаҳон рӯз то рӯз бо суръати баланд коҳиш меёбанд.

Ташаббусҳои ҷаҳонии Пешвои миллат оид ба мушкилоти об ва пиряхҳо бо роҳи осон не, балки дар асоси далелу мушоҳидаҳои амиқу илман асоснокшуда ва талошу заҳматҳои зиёду тӯлонӣ роҳандозӣ гардида, куллан ба рафъи мушкилоти инсоният нигаронида шудаанд. Сарвари давлати Тоҷикистон борҳо таъкид намудаанд, ки масъалаҳои вобаста ба ин мушкилот ба қатори дигар таҳдиду хатарҳо, ки имрӯз ҷомеаи ҷаҳониро фаро гирифтааст, арзёбӣ мегардад.

Маҳз бо ташаббуси Пешвои миллат беҳтар намудани сифати оби ошомиданӣ, ки дар идоракунӣ, истифода ва ҳифзи захираҳои обӣ афзалияти аввалиндараҷа доранд, инчунин дигар масоили марбут ба обу иқлим ва бахусус масъалаи ҳифзи пиряххоро ба рӯзномаи нави ҷаҳонии рушд ворид намудаанд, ки он яке аз дастовардҳои муҳими чанд соли охири ҷомеаи ҷаҳонӣ ба ҳисоб рафта, дар таърихи рушди инсоният саҳифаи наверо илова хоҳад намуд.

Зарурияти пешниҳоди ташаббусҳои Пешвои миллат аз зуҳуроти муаммоҳои глобалӣ, аз қабили ангезиши офатҳои табиӣ, босуръат обшавии пиряхҳо, нестшавии гуногуншаклии биологӣ ва ҳодисаи биёбоншавӣ маншаъ мегирад. Пешвои миллат тавонистанд, ки ба туфайли ташаббусҳояшон ҷомеаи ҷаҳониро ба ҳалли муаммоҳои глобалӣ, аз ҷумла обу иқлим ва раванди обшавии пиряхҳо, ҷалб намоянд.

**- Иқдоми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба эълон гардидани соли 2025 «Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо» мавриди таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ қарор дорад. Мехостем суҳбатро дар бобати ин иқдоми муҳим идома диҳем.**

- Воқеан, боиси ифтихору сарфарозии миллати тоҷик аст, ки 14 - уми декабри соли 2022 аз ҷониби Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид бо ҳамовозии 153 кишвари олам ташаббуси панҷуми ҷониби Тоҷикистон дар бораи эълон гардидани соли 2025 «Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо» қабул гардид.

Бояд зикр намуд, ки ташаббуси навбатӣ аҳамияти муҳими таърихӣ дошта, он нодир арзёбӣ мегардад, чунки дар қатори эълон гардидани соли 2025 ҳамчун «Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо», инчунин аз соли 2025 сар карда, ҳамасола дар саросари олам 21-уми март «Рӯзи байналмилалии ҳифзи пиряхҳо» ҷашн гирифта мешавад. Барои маблағгузории ҳифзи пиряхҳо дар сохтори Созмони Милали Муттаҳид фонди махсус таъсис дода шуд. Ҳамзамон барои натиҷагирии ташаббуси мазкур соли 2025 дар пойтахти кишвар Конфронси байналмилалӣ оид ба ҳифзи пиряхҳо баргузор хоҳад гардид.

Аз ташаббусҳои Сарвари давлат бармеояд, ки тағйирёбии глобалии иқлим ва дигар масоили экологии ҷаҳони муосир ба захираҳои об таъсир ва хатари бузург дошта, на танҳо ба захираҳои гидрографӣ, балки ба тамоми сарватҳои табиӣ таъсири манфӣ мерасонанд. Аз ин рӯ, баҳри бартараф сохтани масъалаҳои ҳалталаби умумибашарӣ чораҳои аввалиндараҷаро андешидан зарур аст, ки яке аз онҳо кам кардани партовҳои саноатӣ (газҳои гармхонаӣ, аэрозолҳо), таъсироти инсонсириштӣ ва истеҳсоли «энергияи сабз» (неруи аз ҷиҳати экологӣ тоза) мебошад. Бояд зикр кард, ки тибқи арзёбии созмонҳои байналмилалии молиявӣ Тоҷикистон аз рӯи фоизи истеҳсоли «энергияи сабз» ба қатори шаш мамолики пешсафи сайёра шомил гардида, истеҳсоли ин навъи энергия дар кишвар 98 фоизро ташкил медиҳад. Ин саҳми Тоҷикистон дар пешгирӣ кардани оқибатҳои харобиовари гармшавии иқлим ва татбиқи чорабиниҳои экологӣ дар сатҳи минтақа ва ҷаҳон мебошад.

**- Назари олимону мутахассисон ва коршиносони масоили мавриди назар роҷеъ ба омӯзиши пиряхҳо чӣ гуна аст ва дар ин бобат кадом корҳо анҷом меёбанд?**

- Дар асоси иқдомоти Пешвои миллат дар сохтори Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экология, инчунин Муассисаи давлатии «Маркази омӯзиши пиряхҳо» таъсис дода шудааст, ки таҳқиқоти бунёдӣ ва амалиро дар самти идоракунӣ, истифода ва ҳифзи захираҳои об, инчунин оид ба ҳолати обшавии пиряхҳо гузаронида мешаванд.

Дар ҳақиқат пиряхҳои Тоҷикистон мавзеи нотакрор ва майдони нодире ҳастанд, ки таҳқиқоти муштараки байналмилалиро тақозо менамоянд. Мусаллам аст, яке аз масъалаҳои ҳалталаб ва мубрами имрӯза, ки аҳли сайёраро ба ташвиш овардааст, таъсири тағйирёбии глобалии иқлим ба ҳолати пиряхҳо мебошад. Бахусус тағйирёбии иқлим дар экосистемаҳои кӯҳӣ ба масоҳати пиряхҳо таъсири манфӣ расонидааст. Таҳдиди махсуси таъсири мазкур бештар ба минтақаи кишварҳои Осиёи Марказӣ рост меояд, зеро минтақа дар маркази қитъаи замин ҷойгир буда, ҳамчунин минтақаи хушкӣ ба ҳисоб рафта, аз намнокии уқёнусу боришоти атмосферӣ нисбатан кам мебошад. Тағйирёбии иқлим ба кишварҳои Осиёи Марказӣ, бахусус ба Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз камчин будани боришот дар давраи тобистон ва обшавии пиряхҳо, ки манбаи асосии дарёҳо ба ҳисоб мераванд, бештар таъсир мерасонад.

Маҳз бар асари гармшавии иқлим ва афзоиши газҳои гулхонаӣ раванди обшавии пиряхҳои Тоҷикистон шиддат ёфта, то имрӯз беш аз 1000 пирях об шудааст. Агар раванди мазкур бо чунин тамоюл густариш ёбад, он гоҳ то соли 2050 бисёр пиряхҳои то 1 км$^2$ масоҳатдошта пурра нобуд мешаванд ва майдони зери ях қарордошта дар бисёр минтақаҳои кишвар то 20-25 фоиз кам мешавад. Аз таҳлилҳои гидрометеорологии 50 соли охир бармеояд, ки ин тамоюл на танҳо боиси камшавии масоҳат ва ҳаҷми пиряхҳо, балки ба афзудани офатҳои табиии марбут ба шароити гидрометеорологӣ оварда расонида истодааст.

Дар Тоҷикистон 8 ҳазору 500 пирях мавҷуд аст, ки он 6 дарсади ҳудуди кишварро ташкил медиҳад. Аз ин лиҳоз, Тоҷикистон аз рӯи захираҳои об ба ҳар сари аҳолӣ дар ҷаҳон яке аз ҷойҳои намоёнро ишғол менамояд. Дар кишвар дар ҳаҷми 64 км$^3$ захираҳои оби Осиёи Марказӣ ташаккул меёбанд. Мутобиқи ҳисобҳои пешакӣ то соли 2030 зиёдшавии истифодабарии об дар Осиёи Марказӣ то 15-20 фоизро ташкил медиҳад. Агар боз камшавии ҷараёни дарёҳоро дар натиҷаи тағйирёбии иқлим ба ҳисоб гирем, вазъияти бавуҷудомада хатарбор мегардад. Имрӯз Тоҷикистон ҳамагӣ 20 фоизи миқдори оби дар ҳудуди кишвар ташаккулёфта ё ин ки 10 фоиз ҷараёни бисёрсолаи дарёҳои ҳавзаи баҳри Аралро истифода мебарад ва аз ин миқдор қариб 40 фоиз оби аз сарчашмаҳо гирифташуда боз бо ҳавзаҳо бармегардад. Аз ин лиҳоз, аз сабаби баландшавии ҳарорати ҳаво то солҳои 2030 - 2050 бо андозаи 1 - 2$^0$С, талаботи растаниҳоро ба об то 10 - 15 фоиз зиёд мегардонад.

**- Дар бораи тадқиқоти муштараки илмӣ оид ба обшавии пиряхҳо мухтасар маълумот медодед.**

- Омӯзиши раванди пайдошавии пиряхҳо ва вобастагии динамикии таҳаввулу таназзули онҳо аз тағйирёбии иқлим яке аз масъалаҳои муосири илм ҳисобида мешавад ва ҳамкориҳои муштаракро тақозо мекунад. Аз ин рӯ, бо мақсади омӯзиш ва таҳқиқи динамикаи тағйирёбии пиряхҳои Помир, Помири Ғарбӣ соли 2022 олимони Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон якҷоя бо олимон ва мутахассисони Институти географияи Академияи илмҳои Федератсияи Россия таҳқиқоти муштаракро оид ба таърихи пайдоиши пиряхҳо дар Помир ва дигар системаҳои кӯҳии Тоҷикистон оғоз намуданд. Ҳадаф аз таҳқиқоти муштарак муайян намудани синну соли мутлақи яхбандии Помир ба ҳисоб меравад.

Умуман мавҷудияти об дар сайёраи Замин наздики 71 фоиз буда, масоҳати он то 361,13 млн. км$^2$ ва ҳаҷмаш 1400 млн. км$^3$ баҳо дода мешавад Аз ин миқдор дар ҳаҷми 96,5 фоиз ба уқёнусҳо, 1,7 фоиз ба обҳои зеризаминӣ, 1,7 - ба пиряхҳо ва кӯҳҳои Антарктида ва Гренландия, қисми начандон калон ба дарёҳо, кӯлҳо ва ботлоқҳо рост омада, оби абрҳо бошад, 0,001 фоиз баҳо дода мешавад. Қисми зиёди оби замин намакдор буда, барои истифода дар соҳаи кишоварзӣ ва таъминоти оби ошомиданӣ ғайриимкон мебошанд, ва миқдори оби ошомиданӣ 2,5 фоиз баҳо дода шуда, аз ин миқдор 98,8 фоизи онҳоро пиряхҳо ва обҳои зеризаминӣ ташкил медиҳанд. Камтар аз 0,3 фоизи оби ошомиданӣ дар дарёҳо, кӯлҳо ва ҳавои атмосфера мавҷуд буда, 0,003 фоизи он дар таркиби организмҳои зинда маҳфуз мебошанд.

Таҳқиқоти илмӣ дар самти омӯзиши вазъи пиряхҳо ва обҳои зеризаминӣ барои шароити кишвари кӯҳсорамон муҳим буда, заминаи хеле мусоид барои оғози таҳқиқоти муштараки байналмилалӣ ба ҳисоб меравад. Масоили мавҷудаи марбут ба омӯзиши пиряхҳо, роҳҳои илман асоснокшудаи ҳифзи онҳо, инчунин таҳқиқи оби зеризаминӣ дар шароити Тоҷикистон олимони соҳаро вазифадор менамояд, ки дар асоси консепсияҳои ташаббусҳои глобалии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барномаҳои илмию техникии соҳавӣ ҳалли онҳоро илман асоснок пешниҳод намоянд.

Вобаста ба ин масъалаҳои мубрам олимону коршиносон барои ҳалли мушкилоти ҷойдошта таъмини иҷрои вазифаҳои зеринро тақозо менамоянд:

- мониторинги пайвастаи тарози ҳаҷми пиряхҳои Тоҷикистон ва таҳияи каталоги пиряхҳо;
- омӯзиш ва таҳқиқи динамикаи тағйирёбии пиряхҳо ва арзёбии ҳамасолаи боришоти барф дар шароити Тоҷикистон ва таъсири он ба маҷрои дарёҳо;
- таҳқиқот оид ба аз нав арзёбии захираҳои обҳои зеризаминӣ бо назардошти ҳолати экологии ҳудудҳо ва коркарди чорабиниҳо оид ба истифодаи самараноки онҳо;
- таъмини рушди механизми институтсионалӣ, аз қабили рушди инфрасохтор, қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва баланд бардоштани иқтидори соҳаи комплекси хоҷагии об;
- коркард ва ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионии сарфакорона истифода намудани захираҳои об, баланд бардоштани маҳсулнокии он ва беҳтарнамоии вазъи экологӣ дар сатҳи минтақа;
- таҳия ва дар амал иҷро намудани барномаҳои илмӣ ва илмию амалӣ дар ҳудуди ҳавзаи дарёҳои байнидавлатии кишварҳои Осиёи Марказӣ бо ҷалби институтҳои илмӣ-тадқиқотии минтақа ва сатҳи байналмилалӣ.

Обшавии пиряхҳо сол то сол афзуда, таъсири манфии тағйирёбии иқлим бештар мегардад. Ин раванд босуръат идома дорад ва ба табиат ва вазъи иҷтимоии мардуми сайёра бетаъсир намемонад, хавфи офатҳои табиӣ бештар мегардад. Ҳоло ҳарорати миёнаи ҳаво дар Тоҷикистон як дараҷа баланд шудааст ва кӣ медонад, ки он то кадом дараҷа баланд хоҳад гардид? Ин нуктаҳо зимни омӯзиш ва тадқиқоти пиряхҳо бояд дар мадди назар бошад.

**Мусоҳибон**
**Абдухолиқ МИРЗОЗОДА,**
**Бурҳониддин КАРИМЗОДА,**
**«Садои мардум»**



# АМРИ ВИҶДОН АСТ КОРИ ЖУРНАЛИСТ

## Назаре ба рӯзгор ва фаъолияти рӯзноманигор, иштирокчии Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шералӣ Яҳёев

**Шахси 75 - сола пушти компютер ончунон андармони эҷоду мутолиа ҳаст, ки кас аз танбалии хеш дар хиҷолат мемонад. Рӯзгори омӯзанда, пурифтихор, фаъолияти густурда ва аз ҳама муҳим аз роҳи дурусту касби писандида зиндагии ибратомӯзеро бо нӯги қалам пушти сар дорад. Имрӯз ӯро ба ҳайси як журналист, адиб, ҳамчун инсони комилу тарбиягар мешиносанд. Номбурда Шералӣ Яҳёев мебошад.**

Номи Шералӣ Яҳёев ба алоқамандони воситаҳои ахбори омма шинос мебошад. Ӯ дили гарму нигоҳи пештар аз замон дошта, андешааш фарохтар аз андешаи рӯз, андешаҳои миллист. Фарогири ҷузъиёти касбӣ ва воқеан, симои як насл журналистони боҷуръати даврони худро муаррифӣ мекунад. Кӯлвораш аз неъматҳои беҳисобу бебаҳо, иқдомҳои нек ва ибтикороти чашмгири давронаш пур буда, дар айёми истиқлолияти давлатии кишвар боз ҳам пурғановат гардидааст.

Яҳё Абдулло мегуфтанд падари ӯро, ки соли 1930, баъд аз хатми курси дусолаи муаллимтайёркунӣ ҳамроҳи як гурӯҳ омӯзгорони ҷавон аз шаҳри Конибодом бо супориши Раиси КИМТ Шириншоҳ Шоҳтемур ба ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб фиристода мешаванд.

Шералӣ Яҳёев аввалин фарзанди ин марди фидоии таълиму тарбия буд. Ӯ баъд аз хатми гурӯҳи махсуси журналистикаи Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В. И. Ленин (ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) корро аз ходими адабии рӯзномаи «Ҳақиқати Кӯлоб» оғоз карда, то ба вазифаи муовини якуми сармуҳаррир ифои вазифа намуд. Соли 1985 ӯро сармуҳаррири рӯзномаи «Субҳи меҳнат»-и ноҳияи Муъминобод таъин мекунанд.

Номбурда дар ноҳияи Муъминобод фазои нопурраи иттилоотиро пурра кард. Неруҳои эҷодӣ қудрати дигар пайдо карданд. Аз як таҳлилаш дар ниҳоди кас қуввату дармони фавқулода пайдо мешуд. Шералӣ Яҳёев ҷасорати хоси журналистӣ дошт.

- Ман ягон бор надидаам, ки ӯ ба идораи прокурор, суд ё милиса рафта бошад. Онҳо ба редаксия меомаданд, барои ҳоҷат ва ниёзҳои нашрӣ, - мегуфт ҷонишини сармуҳаррир Саидакрам Давлатзода. (Рӯҳашон шод бод).

- Ӯ ҳамчун тимсоли роҳбарони озмуда, сахтгиру ҳирфавӣ моро ба содаю равон, оммафаҳм, кӯтоҳу гӯё навиштан ташвиқ мекард,- мегӯяд собиқ котиби масъули рӯзномаи «Субҳи меҳнат» Шодӣ Раҳмонов.

Рӯзнома зери назари сахти муассис қарор дошт. Муассис Кумитаи ҳизби коммунисти ноҳия буд. Азбаски рӯзнома дар матбаа дастӣ чоп мешуд, баъзе вақт пас аз як поси шаб низ ба имзо мерасид. Зеҳни сармуҳаррирро пайваста сари вақт ва бехато баровардани шумора машғул мекард.

Он вақтҳо кор тоби дигар дошт ва хеле душвор буд. Маҷбур мешудӣ хабару мақолаҳои ғайритаъҷилиро шаб дар хона нависӣ.

- Мо нав аз дарстайёркунии ҳаршаба халос шудем, боз гирифтор шудем, - ҳазломез мегуфт хабарнигори ҷавон Тоҳир Неъматов.

Ӯ аз сидқ кор мепурсид. Шеваи хоси роҳбарӣ дошт. Майлу рағбате, ки ба касбаш дошт, камназир буд. Ба ростию ҳалолкорӣ одат карда ва ин одат хислати табиии ӯ гардида буд. Пайваста мехост ба ибтикороте даст занад, то вазъи эҷод дар рӯзнома беҳтар гардад. Ба ин ҳам ноил гардид.

- Журналистика кӯтоҳбаёниро талаб мекунад, - мегуфт ӯ, - яъне бо сухани андаки нишонрасу таъсирбахш хулосаи андеша кардан.

Дӯст намедошт, ки журналист дониши касбӣ ва ҷасорат надошта бошад. Ӯ бояд зеҳни дарк дошта, онро бо забони ҳақбаён, завқи фавқулода, дақиқ ва сода ба мардум расонда тавонад. Дар бораи махсусияти эҷод чунин мегуфт: «Сиришти журналист бояд аз се хислат бархӯрдор бошад - аз дониш ва ҷасорату ҳақиқат. Агар дар раги пайдою пинҳонаш ин хислату сифатҳо шараён надошта бошад, пас ӯ лоиқи ин касб нест ва ӯ як носеҳи латифагӯйро мемонад».

Даҳмарда, омӯзгор, деҳқони хокпош, боғпарвари соҳибтаҷриба дар назди ӯ марҳамат дошт. Таъкид мекард: «Ба баёни матлаби дархӯрди таваҷҷуҳи омма машғул шаведу ба тавсифи зиёд дода нашавед, ки он одат мешавад ва чун одат пир шуд, табиат мегардад. Дар ин ҳол шуморо чун вассоф мешиносанд, на чун рӯзноманигор ва рӯзнома ҷолибияти худро аз даст медиҳад».

16 - уми ноябри соли 1992 дар Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ӯ ҳамроҳи Ҳақназар Ғоибов ва Бобоҷон Абдулвоҳидов ба ҳайси котиби матбуот ва ёрдамчии раиси Кумитаи иҷроияи вилояти Кӯлоб ширкат варзиданд. Аз 13 - уми январи соли 1993 то январи соли 2005 вазифаи сармуҳаррири рӯзномаи вилоятии «Хатлон» ва ҳамзамон раиси Иттифоқи журналистони Тоҷикистон дар вилояти Хатлонро ба уҳда дошт.

- Журналист бояд мактаби омӯзишро дошта, ба насли оянда аз худ он чӣ боқӣ гузорад, ки мояи омӯзишу таҳсини дигарон бошад. Ин касб пешаи ифтихорӣ аст чун пешаи омӯзгорӣ ва бар хилофи баъзе касбҳои дигар умр ва шуҳрати поянда дорад. Имрӯз аз авроқи корномаҳои журналистон, хислатҳои наҷибу гаронмоя, ки илм асту адаб асту одамият ва одамиёна зиндагӣ кардан метавон дарси зиндагӣ омӯхт.

Ҳузури дил мебуд, агар журналист ба ин поя расаду аз ӯ лаҳзае ёд кунанд ва чӣ гуна метавон дар рӯзи ҷашни касбӣ аз онҳо ёд накард, онҳо аз зумраи устодони ангуштшумори моянд, - мегӯяд Шералӣ Яҳёев ва шукр аз он мекунад, ки шахсиятҳои фарҳангӣ, беғараз аз ӯ ёд мекунанд. Аз ин дида барояш шарафи бузургтаре нест.

**Х. МИРЗОЕВ,**
**«Садои мардум»**

# БЕҲТАРИН ХИСЛАТҲОИ ИНСОНИРО ДОШТ

**Аълочии матбуоти Тоҷикистон Раҳимҷон Бобоҷоновро метавон дар қатори бунёдгузорони рӯзномаи «Садои мардум» - Муродуллоҳ Шерализода, Додоҷон Раҷабӣ, Бахтиёр Муртазоев, Шариф Ҳамдампур, Фотеҳ Абдуллоҳ, Умриқул Ҳақбердиев, Ғанӣ Ҷӯразода, Обиди Умар ва дигарон ном гирифт.**

Барои насли ҷавони он айём - Қироншоҳи Шарифзода, Мардони Муҳаммад, Хушвахтшо Муборакшоев, Мардон Шукуров, Абдуқаҳҳор Маҳмадалиев, Мухтор Боқизода ва роқими ин сатрҳо Раҳимҷон Бобоҷон бо нармсуханӣ, пухтакорӣ ва ширинсуханиаш намунаи ибрат буд.



Мо - ҷавонони он айём хеле хушбахт будем, ки бо қаламкашоне - ба монанди сармуҳаррир Муродуллоҳ Шерализода, Фотеҳ Абдуллоҳ, Бахтиёр Муртазоев, Додоҷон Раҷабӣ, Ғанӣ Ҷӯразода ва Шариф Ҳамдампур ҳамкору ҳамнишин шудем ва аз онҳо чизе омӯхтем.

Қаҳрамони матлаб дар идораи рӯзномаи «Садои мардум» барои мо чун журналист - репортёри матолиби таъҷилӣ намунаи ибрат буд. Ҳар супориши таъҷилие, ки аз ҷониби сармуҳаррир ё муовинон дода мешуд, аз тарафи ӯ дар кӯтоҳтарин муҳлат иҷро мешуд. Мо ба кори оҷилан иҷрокардааш баъзан бо шубҳа менигаристем, зеро дар он вақт, ки рӯзнома ҳафтае панҷ маротиба ба табъ мерасид, вазъияти ҷумҳурӣ рӯз то рӯз мураккабтар мешуд. Дар чунин ҳолат на ҳар роҳбари вазорат, идора ё депутат мусоҳиба медоданд ё фикру андешаашонро баён мекарданд. Дар ин маврид аз журналист - репортёр хеле вобаста буд, ки чӣ тавр бо ин ё он шахс суҳбат ё мусоҳиба анҷом медиҳад.

Бешубҳа, акои Раҳимҷон (ҷавонони идораи рӯзномаи «Садои мардум» он касро чунин ном мегирифтанд), беҳтарин сифатҳои инсониро дошт ва бо ҳамсуҳбаташ тез забон меёфт. Ҳатто бадҷаҳлтарин мусоҳибашро бо ду-се сухани лутфомез мулоим мекард.

Борҳо мо - журналистони ҷавон ҳамроҳи ӯ бо депутатҳо мусоҳиб мешудем ё аз ҷараёни иҷлосияҳои Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузориш таҳия мекардем. Дар ин масъала ӯ ҳамеша ба ҷавонон кумак мерасонд.

Солҳои аввали фаъолият идораи рӯзномаи «Садои мардум» дар ошёнаи сеюми бинои Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир буд. Азбаски рӯзнома ҳафтае панҷ маротиба чоп мешуд, фурсат намеёфтем, ки бо ҳам наздиктар шинос шавем. Саволҳои мо ба акои Раҳимҷон хеле зиёд буданд, аммо фурсати ҷавоб додан набуд.

Як бегоҳи рӯзи ҷумъа, баъд аз он ки рӯзнома барои чоп рафт, номбурда гуфт:

- Агар касе суҳбату истироҳат хоҳад, пагоҳ дар Кӯли комсомол (ҳоло Кӯли ҷавонон) оши ҳарифона ташкил мекунем. Ҳамин тавр ҳам шуд. Оши ҳарифона ба суҳбати дӯстона табдил ёфт.

- Дастпарвари факултети шарқшиносии Университети давлатии Осиёи Миёна ба номи В. И. Ленини шаҳри Тошканд, маъруф бо номи САГУ ҳастам ва ифтихор мекунам, ки ин боргоҳи машҳури илмро хатм кардаам, зеро бештари бузургони илму адабиёт ва санъати мо дастпарвари ин даргоҳи машҳур мебошанд. Дар даврони Ҳокимияти Советӣ расм шуда буд, ки баъди хатми мактаби олӣ ду ё се сол бо роҳхати Вазорати маорифи РСС Ӯзбекистон дар мактабҳои деҳот кор карда, баъд соҳиби диплом мешудем. Аз ин сабаб солҳои 1965 - 1967 муаллими забони англисӣ дар мактаб - интернати Шӯрчӣ ва чун ходими адабӣ дар рӯзномаи «Колхози ғалабаси»-и Шӯрчии вилояти Сурхондарёи РСС Ӯзбекистон кор кардам. Соли 1967 ба шаҳри Душанбе омадам.

Аз овони донишҷӯӣ бо радио ва рӯзномаҳои ҷумҳуриявии Ӯзбекистон ҳамкорӣ доштам ва ҳаққи қалами хуб мегирифтам. Аммо фаъолияти журналистиям асосан аз соли 1967 дар Саридораи барномаҳои ахбори Радиои Тоҷикистон оғоз ёфт. Муддате мухбири махсуси Радиои Тоҷикистон дар навоҳии Ғарм будам. Кор дар радио касбияти баланд, сухандонӣ ва фавриятро талаб мекард. Дар муддати кӯтоҳ бо кори нав шинос шудам ва гузоришу барномаҳои банда ҳар рӯз аз радио пахш мешуданд. Шояд аз ин сабаб ман оҷилан иҷрои супоришҳоро ёд гирифта бошам, - нақл карда буд ӯ.

Бо тақозои замон муддате журналистиро як сӯ гузошта, бо ҳидояти таърихшиноси маъруф Аҳрор Мухторов роҳи илмро пеш гирифт. Солҳои 1968 - 1969 ходими илмии Осорхонаи муттаҳидаи республикавии таърихӣ - кишваршиносӣ ва санъати тасвирии ба номи К. Беҳзод ва 1970-1973 ходими сектори таърихи асрҳои миёнаи Институти таърихи Академияи фанҳои РСС Тоҷикистон буд. Вале меҳри журналистӣ боло гирифту боз ба журналистика баргашт. Беҳтарин лаҳзаҳои умр ва фаъолияти журналистиаш (солҳои 1976-1984) дар маҷаллаи он солҳо бонуфузи «Коммунисти Тоҷикистон» гузаштааст. Дар идораи ин маҷалла корро аз мусаҳҳеҳӣ оғоз намуда, то муҳаррири шуъба расид. Аз айёми кор дар ин маҷалла хотираҳои ҷолиб дошт. Аз ҳамкорӣ ва ҳамнишинӣ бо ходимони ин маҷалла Музаффар Олимов, Мамадалишоҳ Ҳайдаршо, Собири Шоҳонӣ, Умриқул Ҳақбердиев, Исмоил Аҳмадов ва дигарон қисса мекард.

Он солҳо се рӯзномаи асосии ҳизбии Тоҷикистон: «Тоҷикистони советӣ», «Коммунист Таджикистана» ва «Совет Тожикистони» бо се забон мунтазам чоп мешуданд. - Ба рӯзномаи ӯзбекии «Совет Тожикистони» мухбирони таҷрибадор намерасиданд. Аз ин рӯ, Раҳимҷон Бобоҷоновро чун донандаи хуби забони ӯзбекӣ ба идораи ин рӯзнома ба кор гузарониданд. Солҳои 1984-1991 дар ин рӯзнома кор кард ва соҳиби обрӯю эътибор гардид. Метавон гуфт, ки журналист Раҳимҷон Бобоҷонов беҳтарин тарғибгари адабиёт, таърих ва фарҳанги тоҷик барои хонандагони ӯзбекзабон буд.

- Ҳангоми кор дар Радиои Тоҷикистон дар Рӯзҳои адабиёт ва санъати РСС Ӯзбекистон дар Тоҷикистон иштирок карда, бо ходимони маъруфи адабиёт ва санъати ӯзбек мусоҳиба, гузориш ва репортажҳо тайёр мекардам. Боре аз ман хоҳиш карданд, ки барои барномаи ӯзбекии Радиои Тоҷикистон бо режиссёри номии ӯзбек Комил Ёрматов ҳамсуҳбат шавам. Репортёр дар китфам рӯзи дароз аз пасаш гаштам, аммо имкони мусоҳиба нашуд.

Ниҳоят, бо кумаки яке аз хешони наздикаш бо забони ӯзбекӣ саволу ҷавоб кардем. Чун донист, ки ман мухбири тоҷикзабон ҳастам, гуфт:

- Аз кай боз тоҷик аз тоҷик бо забони ӯзбекӣ интервю мегирад!?

Ман ба ҳамватанонам бо забони модариам – тоҷикӣ гуфтугӯ мекунам…

- Комил Ёрматович, ман барои барномаи ӯзбекии радио сабт кардам.

- Набошад барои ҳамдиёронам ҳам як мусоҳибаи тоҷикӣ бо Комил Ёрматовро сабт кунед. Кӣ медонад, кай ба Ватанам - Тоҷикистон меоям?...» -нақл карда буд Раҳими Бобоҷон.

29-уми августи соли 1990 рӯзномаи «Садои мардум» таъсис ёфт, сармуҳаррири рӯзнома, депутати халқи Тоҷикистон Муродуллоҳ Шерализода дар қатори дигар журналистони маъруф бо дархости редаксия Раҳими Бобоҷонро ба тариқи гузариш аз рӯзномаи «Совет Тожикистони» ба кор даъват кард. Акои Раҳимҷон дар идораи ин рӯзномаи навтаъсис шаш сол кор кард.

Бастаҳои рӯзномаи «Садои мардум» солҳои 1991-1997-ро варақ мезанам. Қариб, ки дар ҳар шумора матлабашро мебинам ва солҳое, ки ҳамроҳаш дар як ҳуҷра менишастем, ба хотир меоянд, зеро шоҳиди ҳар як навиштааш ҳастам.

Вақте ки саҳифаҳои бо мурури солҳо зардшудаи бастаи соли 1997- ро варақ мезанам, имзои «Раҳими Бобоҷон, хабарнигори «Садои мардум» ба чашм намерасад, зеро соли 1997 гирифтори бемории табобатнашаванда шуд. Дигар маҷоли қалам ба даст гирифтану навиштан надошт. Саҳифаҳои минбаъдаи моҳҳои сентябр, октябр ва ноябрро варақ зада, имзояшро меҷӯям. Дар саҳифаи чоруми рӯзнома сӯгвории аҳли қалами рӯзнома – «Меҳрубони мо зи мо рафт» (аз 14-уми ноябри соли 1997, № 82 (1007) ба чашм расид. Муҳтавояш касро ғамгин мекунад:

«Дар долонҳои идораи рӯзнома ҳар субҳ дигар садояшро намешунавем, дигар бо лабони пуртабассум вориди утоқ шудани ӯро намебинем, дигар дар ҷаласаҳо пурэҳсос ҳарф задану дар маъракаҳо нарму латиф сухан гуфтан, чарбзабонию зарофатгӯиҳои ӯро шоҳид намегардем, дигар зери хабару мусоҳиба, гузоришу мақолаҳои батафсил, баҳавсала, батамкин ошно гардида, имзои шинос «Раҳими Бобоҷон»-ро намехонем. Ҳайфи зиндагӣ, дареғи инсон!

Марги нобаҳангом ӯро аз мо рабуд…».

Дигар дорую дармон фоида надошт. Тибқи хоҳишаш ӯро ба зодгоҳаш - шаҳри Ӯротеппа (ҳоло Истаравшан) ба назди модари пираш бурданд, то хумори пазмониашро шиканад. Шояд аз боду ҳавои деҳа саломатиаш беҳтар шавад. Ҳанӯз пазмонии модар, додарону хоҳаронаш нашикаста буд, ки як рӯз пас хабари нохуш ба шаҳри Душанбе расид.

Раҳими Бобоҷон моҳи сентябри соли 1997 дар синни 58-солагӣ вафот кард. Марги беамон ҳатто фурсат надод, ки 60-солагияшро таҷлил намояд. Ӯ ба ин санаи фархунда омодагӣ медид. Афсӯс, ин ҷашнро кормандони идораи «Садои мардум» ва дӯстонаш бе иштирокаш гузаронданд.

Имрӯзҳо фарзандонаш Алишер ва Нигина, инчунин, набераҳояш давомдиҳандаи умри падар ва бобои шуҳратмандаш мебошанд. Шояд дар оянда касе аз набераҳо касби бобояшро давом диҳад.

**Тиллои НЕКҚАДАМ,**
**«Садои мардум»**

# НАХУСТИН РӮЗНОМАИ КОРГАРӢ

**Сохтмони системаи ирригатсионии Вахш (маъруф бо номи «Вахшстрой») дар доираи панҷсолаи якуми тараққиёти хоҷагии халқи СССР - солҳои 1928-1933 оғоз гардид. Ба қатори 150 иншооти зарбдори умумииттифоқӣ ҳисобидани «Вахшстрой» то чӣ андоза муҳим будани онро собит мекунад. Корҳои сохтмони канали магистралии Вахш соли 1930 оғоз гардида, минбаъд вусъат ёфт. «Вахшстрой» дар маркази таваҷҷуҳи мақомоти давлатӣ ва ҳизбӣ қарор дошт. Дар съезди IV Советҳои РСС Тоҷикистон, 25-уми феврали соли 1931, Раиси Комитети иҷроияи марказии советҳои РСС Тоҷикистон Нусратулло Махсум «Дар бораи сохтмони Вахш» баромад намуд.**

Съезд аз рӯйи ин баромад резолютсия қабул мекунад. Дар банди чоруми он зикр шудааст, ки системаи ирригатсионии Вахш на танҳо аҳамияти ҷумҳуриявӣ, балки умумииттифоқӣ низ дорад. Аз ин сабаб ҷараёни сохтмон, фаъолияти бунёдкоронаи коргарони он бояд дар воситаҳои ахбори омма ҳамаҷониба инъикос ёбад. Ба ҳукумати РСС Тоҷикистон супориш дода мешавад, ки дар «Вахшстрой» нашрия бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва ӯзбекӣ таъсис дода шавад. Дар асоси ин пешниҳод ибтидои соли 1932 нахустин рӯзномаи коргарӣ бо номи «Ударник Вахшстроя» бо забони русӣ ва «Сохтмони зарбдори Вахш» бо забони тоҷикӣ (бо ҳуруфи лотинӣ) ҳамчун нашрияи комитети ҳизбӣ ва раёсати «Вахшстрой» чоп мешавад. Соли 1931 дар қитъаи асосии сохтмон бо ташаббуси комсомолон рӯзномаи деворӣ «Ударник Вахшстроя» бароварда мешуд ва нашрияи расмии сохтмон ҳамин номро мегирад.

Рӯзномаи «Вахш» - и ноҳияи Вахш, ки аз ворисони рӯзномаи «Сохтмони зарбдори Вахш» ба ҳисоб меравад, соли 1982-юм, 50-сола шуд. Қарор шуд, ки ин сана ботантана таҷлил гардад. Ман, ки он солҳо муҳаррири рӯзномаи «Вахш» будам, ҳамроҳи чанде аз ҳамкасбон ба хонаи Мирсаид Миршакар рафта, ӯро ба ҷашн даъват намудем. Бо сабаби беморӣ устод дар ҷашн иштирок карда натавонистанд, аммо бо нишони эҳтиром номаи табрикӣ фиристоданд. Дар шумораи идона (рӯзномаи «Вахш» № 55 аз 3-юми майи соли 1982) хотироти мухтасари номбурдаро чоп намудем. Устод дар хотироташ чунин менигорад: «Маро соли 1932 ба Комитети Марказӣ даъват намуда гуфтанд:

- Ба Вахш меравед. Он ҷо ба газетаи «Сохтмони зарбдори Вахш» муҳаррир мешавед.

- Ҳоло ман ҷавонам, - гуфтам.

- Республика ҷавон аст. Сохтмон ҳам. Баробари онҳо қадам мезанед ва камол меёбед, - гуфтанд ба ман.

Муҳаррири аввалини газетаи «Сохтмони зарбдори Вахш» Насрулло Абдуллоев ба хондан рафту ман ба ҷойи вай таъин шудам».

Мирсаид Миршакар дар ин ва дигар хотироташ оид ба фаъолият дар рӯзномаи «Сохтмони зарбдори Вахш» батафсил нигоштааст: «Таърихи рӯзнома аз он рӯзҳое сар мешавад, ки болшевикон барои ба водии зарнисор табдил додани чӯли ҳазорсола хобидаи Вахш мубориза оғоз намуданд. Ба мо ходимони рӯзнома, ки 3 нафар будем, лозим меомад ҳам муҳаррир бошему ҳам котиби масъул ва ходими адабӣ. Рӯзона ба коргоҳҳо мерафтем, бо сохтмончиён суҳбат карда, мақола ташкил менамудем, бегоҳӣ то соати 12 шаб нишаста, барои шумораи оянда мавод тайёр мекардем. Ягон бор аз мондашавӣ шикоят надоштем, зеро вазъият ҳаминро тақозо мекард.

«Сохтмони зарбдори Вахш» дар як шумора камбудиро нишон диҳад, дар нашрҳои оянда аз он хусус менавишт, ки баъди танқид чӣ дигаргуниҳо ба амал омад ва ҳамин тавр то ислоҳи камбудиҳо. Махсусан, нашри рӯзномаи тоҷикии он меҳнати зиёдро талаб мекард. Одамони босаводе, ки ба рӯзнома ҳамкорӣ кунанд, дар байни сохтмончиёни маҳаллӣ кам буданд. Бо вуҷуди мушкилиҳо рӯзнома сари вақт нашр мешуд ва он миёни коркунони системаи ирригатсионии Вахш маҳбубият дошт. Баъзе ҳолатҳо рӯзномаро ба воситаи радиои маҳаллӣ мехондем.

Пас аз се сол (12-уми сентябри соли 1933) коргарон харсанги калонро, ки байни дарё ва сарбанд хобида, роҳи обро баста буд, тарконданд. Садои пай дар ҳами таркиш ба дили коргарон шуълаи умед афрохт. Баъд аз таркиш лаҳзае абри ғафси чангу хок сохтмонро фаро гирифт. Бо кушодашавии дарвозаҳо оби мусаффои Вахш мавҷзанон ба канал ҷорӣ шуд. Ман дар ҳамин ҷо лаззати меваи дарахти дӯстии халқҳоро чашидам. Ҳамин ҷо достони аввалини худ «Ливои зафар»-ро, ки ба дӯстии халқҳо бахшида шуд, иншо намудам. Аз ин рӯ, ҳар вақт мегӯям, ки тарҷумаи ҳоли ман бе рӯзномаи «Сохтмони зарбдори Вахш» пурра нест».

Сохтмони системаи обёрии Вахш идома дошт ва баробари иншооти машҳури он давр шуҳратёр гашта буд. Иҷрои корҳои сохтмон, пешравию муваффақияти он дар рӯзномаи «Сохтмони зарбдори Вахш» ҳамаҷониба инъикос меёфтанд. Он диққати рӯзноманигорону адибони дохилию хориҷиро ҷалб кард. «Тобистони соли 1932 бригадаи нависандагони пролетарии хориҷӣ меҳмони бунёдкорони «Вахшстрой» гардиданд. Дар байни онҳо нависандаи номии поляк, револютсионери барҷаста ва коммунист Бруно Ясенский низ буд. Баъдтар ин адиби шинохта китоби «Одам пӯсташро иваз мекунад»-ро, ки дар бораи меҳнати қаҳрамононаи бинокорони ин сохтмони бузург ҳикоя мекунад, таълиф менамоянд. Фасли аввали асари мазкур охири соли 1932 дар «Роман-газета» интишор шуда буд.

Ин роман аз беҳтарин таълифотест, ки роҷеъ ба «Вахшстрой» эҷод шудааст. Дақиқназарӣ дар сюжету сохти композитсионӣ, услуби хоса ва забони фасеҳи асар аз маҳорату истеъдоди комили муаллиф шаҳодат медиҳад» (рӯзномаи «Сохтмони зарбдори Вахш» № 53 аз 20-уми апрели соли 1933).



Баъдан аз рӯйи ин асар бе тағйири ном филми бадеӣ гирифта шуд, ки то имрӯз шуҳратёр аст.

Рӯзнома, воқеан, солномаи корнамоиҳои бунёдкорони системаи обёрии Вахш ба ҳисоб мерафт. Аз саҳифаҳои бо мурури замон фарсудашудаи он доир ба корнамоиҳои фотеҳони водӣ маводи фаровоне метавон мутолиа кард. Дар сохтмон занон низ саҳмгузор буданд. «Дар «Вахшстрой» 800 зан баробари мардон меҳнат мекунанд», - хабар додааст рӯзномаи «Ударник Вахшстроя» № 6 аз 2-юми июли соли1934.

«Барои азхудкунии водии Вахш сохтмони иншооти таъиноти гуногун, роҳу пулҳо зарур буд. Инъикоси ин масъала аз мавзӯъҳои асосии рӯзнома ба шумор мерафт. Ба Тоҷикистон дар нимаи дуюми моҳи май гурӯҳи тадқиқотчиёни ИКПС барои муайян намудан ва ба нақша даровардани сохтмони роҳи оҳани камбари Сталинобод - Қӯрғонтеппа меоянд. Тадқиқотчиён самти роҳи оҳанро аз болои ағбаҳои Ёвону Фахробод интихоб менамоянд. Роҳи нав барои ҳар чӣ зудтар бунёд намудани сохтмони ирригатсионии Вахш, тараққии хоҷагии халқ ва маданият, беҳтаршавии некуаҳволии мардум бениҳоят зарур аст. Роҳи оҳани камбари Сталинобод - Қӯрғонтеппа то аввали солҳои 70-уми асри гузашта мавриди истифода қарор дошт. Аз сабаби минбаъд сохта нашудани вагонҳои роҳи оҳани камбар фаъолияти он қатъ мегардад» (рӯзномаи «Сохтмони зарбдори Вахш» №63 аз 14-уми майи соли 1933).

Собиқ корманди рӯзномаи «Ударник Вахшстроя» Д. Гойфман дар хотираҳояш (рӯзномаи «Вахш» №30 аз 6-уми марти соли 1980 ) дар ин хусус чунин ёдовар шудааст: «Соли 1934 аз шимоли Тоҷикистон ба ноҳияи Туғаланг (ҳозира ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ) як гурӯҳ комсомолону ҷавонон муҳоҷир шуданд, ки ба онҳо ҷавони шармгину миёнақад Сироҷиддин Исоев роҳбарӣ мекард. Онҳо якҷо бо дигар муҳоҷирон колхози «Ёш ленинчи» - ро ташкил намуданд. Баъдан Сироҷиддин Исоев чун роҳбари кордону ташкилотчӣ ном бароварда, муддати 23 сол дар вазифаи котиби якуми Комитети партияи коммунистии ноҳияи Колхозобод фаъолият намуд. Ба унвони олии Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ қадрдонӣ шудааст. Бисёр фотеҳони водии Вахш бо мукофотҳои давлатӣ сазовор гашта, депутати Совети Олии СССР, Совети Олии РСС Тоҷикистон интихоб шудаанд».

Меҳнати бунёдкоронаи фотеҳони водии Вахш шоистаи таҳсин аст. Онро метавон мактаби ҳақиқии мардонагӣ, намунаи нодири дӯстии халқҳо эътироф кард. Ин нукта дар як хабари кӯтоҳ, вале хеле самимӣ баён шудааст: «15 январ ба оғози корҳои сохтмони «Вахшстрой» се сол пур шуд. Роҳи тайнамуда - роҳи муборизаи ҳамаи мардуми софдилу серғайрати коллективи бинокорони Вахш дар шароити душвори табиӣ барои корам кардани даштҳои сӯзон, роҳи муваффақиятҳои калон бурдубохт барои ободии ин сарзамин мебошад» (рӯзномаи «Ударник Вахшстроя» № 2 аз 19-уми январи соли 1934).

Бо истифода додани системаи ирригатсионии Вахш ва омадани теъдоди зиёди муҳоҷирон раванди азхудкунӣ ва обёрии заминҳои нав вусъати тоза мегирад. Вобаста ба он солҳои сиюми асри XX дар водӣ ноҳияҳои нав ташкил шуда, баробари рӯёнидани ҳосили фаровони маҳсулоти кишоварзӣ, бахусус пахтакорӣ, аз ҷиҳати иқтисодӣ пурқувват гардиданд. Имкон фароҳам омад, ки нашрияҳои расмии мақомоти ҳизбӣ ва совети депутатҳои меҳнаткашони ноҳияҳо таъсис ёбанд.

**Аъзам МӮСОЕВ,**
**Корманди шоистаи Тоҷикистон, собиқ муҳаррири рӯзномаи «Вахш»-и ноҳияи Вахш**

# Розҳои Ҳошим Гадо

- Агар дурӯғгӯй танҳо монад, чӣ кор мекунад?

-Ба худ дурӯғ мегӯяд.

***

Ба касе як бор ба чоҳ афтиду бино нашуд, касе, ки ду бор ба чоҳ афтиду бино нашуд, касе се бор ба чоҳ афтиду роҳашро наёфт, раҳм макун.

***

Агар бо аблаҳ шиштухезу рафтуомад кардӣ, ту ҳам аблаҳ мешавӣ.

***

Ӯ чӣ менавишт? Он чӣ ки дигарон пеш аз ӯ навишта буданд.

***

Ман ӯро ҳар қадар сиёҳ кунам, ӯ боз сафедтар шуд.

***

Мебинӣ, ки ӯ бепой аст, шукр бигӯй, ки ту ақаллан пой дорӣ.

***

Афту андом ҳам камбағалона мешавад.

***

Ту бидону ман бидонам, савумӣ ҳам. Аллакай ҳама бидонад.

***

Сирро на ҳар кас дар ниҳоди худ нигоҳ дошта метавонад.

Ӯ мисли кирмест, ки моро мехӯрад.

***

Шахсе гуфт: - Ту аз ман чӣ мехоҳӣ?

Шахси дигар дар ҷавоб гуфт: - Дидоратро набинам.

***

Ҳар чӣ дидӣ, аз худ бубин, зеро хубию бадӣ аз худат рӯй мезанад.

***

Барои он ки мардум ба ту бовар кунанд, ту аввал ба худат бовар бикун.

***

Хоб решаи қувват аст.

***



Хоб беҳтарин малҳами ҷон аст.

***

Хоб доруи мариз аст.

***Аз китоби «Розҳо», ҷилди якуми осори Ҳошим ГАДО***

**БА ТАВАҶҶУҲИ ПУДРАТЧИЁН ВА МОЛРАСОНҲО!**

## ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № ДИО | Ташкилоти харидор | Мавзӯи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 414000 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Сохтмони токи воишӣ дар назди МД «Боғи миллии «Ваҳдат» дар ноҳияи Б.Ғафуров. Марҳилаи 3 | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 19.03.2023 10:00:00 |
| 2 | 414001 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Сохтмони токи воишӣ дар назди МД «Боғи миллии «Ваҳдат» дар ноҳияи Б.Ғафуров. Марҳилаи 1 | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 19.03.2023 10:00:00 |
| 3 | 414002 | Идораи сохтмони асосии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд | Сохтмони зеристгоҳи барқӣ, чароғонкунӣ ва насби камераҳои назоратӣ дар Муассисаи ислоҳии ЯС-3/3 СРИҶҶ Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 19.03.2023 10:00:00 |
| 4 | 413993 | Шуъбаи маорифи ноҳияи Шаҳристон | Хариди мошини алафдаравии барқӣ, компютерҳои фардӣ, ноутбукҳо ва мебел | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 8 | 28.03.2023 16:30:00 |
| 5 | 413994 | Муассисаи давлатии «Раёсати сохтмони асосӣ ва корҳои таъмирӣ» | Сохтмони бинои бахши Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ, бахши Хадамоти муҳоҷират ва филиали Маркази таълимии калонсолони Тоҷикистон дар ноҳияи Қубодиён | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 28.03.2023 17:30:00 |
| 6 | 413995 | Муассисаи давлатии «Маркази баҳисобгирӣ ва идораи фонди манзил»-и шаҳри Душанбе | Зарфҳо, молҳои маишӣ ва барқӣ, масолеҳи масрафшаванда ва асбобҳои рӯшноӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 32 | 29.03.2023 08:50:00 |
| 7 | 413996 | Муассисаи давлатии «Раёсати сохтмони асосӣ ва корҳои таъмирӣ» | Сохтмони бинои таълимӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 29.03.2023 08:55:00 |
| 8 | 413998 | Маркази вилоятии бемориҳои нашъамандии назди Раёсати тандурустии вилояти Хатлон | Таъмири утоқҳои корӣ ва бинои Маркази вилоятии бемориҳои нашъамандии вилояти Хатлон | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 30.03.2023 08:10:25 |
| 9 | 414003 | Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №1-и ноҳияи Лахш | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 14 | 30.03.2023 10:21:56 |
| 10 | 414008 | Шуъбаи сохтмони асосии ноҳияи Балҷувон | Корҳои лоиҳакашии синфхонаҳои иловагӣ дар назди Гимназияи давлатӣ дар маркази ноҳияи Балҷувон | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Хизматрасонӣ | 1 | 30.03.2023 12:19:10 |
| 11 | 414009 | Муассисаи давлатии таълимии «Литсей барои хонандагони болаёқат» дар шаҳри Турсунзода | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 45 | 30.03.2023 13:57:00 |
| 12 | 414010 | Муассисаи давлатии кумаки аввалияи тиббию санитарии ноҳияи Рӯдакӣ | Сохтмони бинои бунгоҳи тиббӣ дар шаҳраки М. Турсунзода, маҳаллаи Истиқлол-4, ноҳияи Рӯдакӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 30.03.2023 14:30:00 |
| 13 | 414011 | Муассисаи давлатии таълими томактабии «Ширхоргоҳ - кӯдакистони №95-и ноҳияи Сино» | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 26 | 30.03.2023 14:56:20 |
| 14 | 414013 | Корхонаи фаръии сохтмони асосӣ ва таъмири Корхонаи воҳиди давлатии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» | Барқарорсозии системаҳои хати оби нӯшокии деҳаи Сармайдон -2, ноҳияи Муъминобод | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Кор | 1 | 30.03.2023 15:15:15 |
| 15 | 414012 | Муассисаи давлатии «Мактаби махсуси кӯдакону наврасон оид ба теннис» | Либоси варзишӣ ва тӯби теннис | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 2 | 30.03.2023 15:20:18 |
| 16 | 414005 | Муассисаи давлатии таълими томактабии №4-и шаҳри Хоруғ | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 30 | 31.03.2023 17:00:00 |
| 17 | 414006 | Муассисаи давлатии таълими томактабии №1-и шаҳри Хоруғ | Хӯрокворӣ | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 27 | 31.03.2023 17:00:00 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак ҷиҳати бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои БДА ҶТ «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Муҳлати муқарраршуда муҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставелӣ - 22.**

**Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.**

## ЭЪЛОН!

Корхонаи воҳиди давлатии «Шаҳри ҳушманд (Smart city)»-и Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе баҳри амалӣ намудани қарори Раиси шаҳри Душанбе аз 13-уми январи соли 2023 таҳти №11, «Дар бораи муваққатан ҷойгир намудани сутунпояҳои махсуси алоқаи мобилӣ дар ҳудуди шаҳри Душанбе» ОЗМУНИ КУШОД эълон менамояд.

Ба таваҷҷуҳи шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони ватанию хориҷӣ мерасонем, ки онҳо метавонанд бо пешниҳоди лоиҳаҳои махсуси алоқаи мобилӣ (Опоры двойного назначения) дар озмун иштирок намоянд.

Барои гирифтани маълумоти бештар оид ба лоиҳа метавонед бо суроғаи кӯчаи М. Қурбонов - 25, Корхонаи воҳиди давлатии «Шаҳри ҳушманд (Smart city)», телефони: +992 (37) 227- 23-28 ё бо почтаи электронӣ: **tender@dsc.tj** муроҷиат намоед.

# КУМИТАИ РУШДИ САЙЁҲИИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**БАРОИ ИШҒОЛИ МАНСАБҲОИ ХОЛИИ МАЪМУРИИ ХИЗМАТИ ДАВЛАТИИ ЗЕРИН ОЗМУН ЭЪЛОН МЕНАМОЯД:**

**1. Сардори шуъбаи муҳосибот ва хоҷагии кумита – 1 ҷой.**

**Талаботи тахассусӣ барои довталабон:**

- таҳсилоти олии касбии иқтисодӣ, молиявӣ ва дигар ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ;
- 4 сол собиқаи умумии меҳнатӣ ё 5 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ, як забони хориҷӣ;
- донистани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки уҳдадориҳои мансабии мутахассиси шуъбаро ба танзим медароранд;
- мавҷудияти малакаи хуби муошират, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
- на камтар аз як маротиба дар 3 сол баланд бардоштани тахассуси касбӣ;
- кор карда тавонистан бо компютер.

Мутахассиси шуъба бояд ба талаботи махсус ҷавоб диҳад:

- дорои донишу малака барои истифодабарии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳа ва хизмати давлатӣ (меҳнат) бошад.

Маоши мансабӣ - 2115,80 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи ҷадвали ягонаи тарифӣ.

**2. Сардори шуъбаи иҷозатномадиҳии кумита -1 ҷой.**

**Талаботи тахассусӣ барои довталабон:**

- таҳсилоти олии касбии ҳуқуқшиносӣ, иқтисодӣ ва дигар ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ;
- 4 сол собиқаи умумии меҳнатӣ ё 5 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ, як забони хориҷӣ;
- донистани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки уҳдадориҳои мансабии мутахассиси шуъбаро ба танзим медароранд;
- мавҷудияти малакаи хуби муошират, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
- на камтар аз як маротиба дар 3 сол баланд бардоштани тахассуси касбӣ;
- кор карда тавонистан бо компютер.

Мутахассиси шуъба бояд ба талаботи махсус ҷавоб диҳад:

- дорои донишу малака барои истифодабарии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳа ва хизмати давлатӣ (меҳнат) бошад.

Маоши мансабӣ - 2115,80 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи ҷадвали ягонаи тарифӣ.

**3. Мудири бахши иқтисод ва банақшагирии кумита – 1 ҷой.**

**Талаботи тахассусӣ барои довталабон:**

- таҳсилоти олии касбии иқтисодӣ, молиявӣ ва дигар ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ;
- 3 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 4 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофгардида, кор бо компютер, донистан ва риоя намудани қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ҳатмист. Донистани забонҳои хориҷӣ ба инобат гирифта мешавад;
- дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;
- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ.

Маоши мансабӣ - 1735,85 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи ҷадвали ягонаи тарифӣ.

**4. Мутахассиси шуъбаи иҷозатномадиҳии кумита -1 ҷой.**

**Талаботи тахассусӣ барои довталабон:**

- таҳсилоти олии иқтисодӣ, молиявӣ ва дигар ихтисосҳои ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ;
- донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ ва як забони хориҷӣ;
- донистани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки уҳдадориҳои мансабии мутахассиси шуъбаро ба танзим медароранд;
- мавҷудияти малакаи хуби муошират, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
- кор карда тавонистан бо компютер.

Мутахассиси шуъба бояд ба талаботи махсус ҷавоб диҳад:

- дорои донишу малака барои истифодабарии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳа ва хизмати давлатӣ (меҳнат) бошад.

Маоши мансабӣ - 1062,40 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи ҷадвали ягонаи тарифӣ.

**5. Мутахассиси шуъбаи муҳосибот ва хоҷагии кумита - 1 ҷой.**

**Талаботи тахассусӣ барои довталабон:**

- таҳсилоти олии касбии ҳуқуқшиносӣ, иқтисодӣ ва дигар ихтисосҳои ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ;
- донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ ва як забони хориҷӣ;
- донистани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки уҳдадориҳои мансабии мутахассиси шуъбаро ба танзим медароранд;
- мавҷудияти малакаи хуби муошират, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
- на камтар аз як маротиба дар 3 сол баланд бардоштани тахассуси касбӣ;
- кор карда тавонистан бо компютер.

Мутахассиси шуъба бояд ба талаботи махсус ҷавоб диҳад:

- дорои донишу малака барои истифодабарии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳа ва хизмати давлатӣ (меҳнат) бошад.

Маоши мансабӣ - 1062,40 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи ҷадвали ягонаи тарифӣ.

**Барои иштирок дар озмун аз довталабон ҳуҷҷатҳои зерин талаб карда мешаванд:**

- аризаи шахсӣ ба номи раиси Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- варақаи шахсии баҳисобгирии кадрҳо бо 2 дона сурати андозаи 4х6 (маълумоти шахсӣ ва фаъолияти меҳнатӣ дақиқ ва фаҳмо нишон дода шавад);
- тарҷумаи ҳол (хаттӣ ва чопӣ);
- нусхаи ҳуҷҷатҳо дар бораи таҳсилот;
- нусхаи дафтарчаи меҳнатӣ (ба ғайр аз ҳолатҳое, ки шахс собиқаи меҳнатӣ надорад);
- маълумотнома дар бораи вазъи саломатӣ (шакли № 038);
- нусхаи гувоҳномаи рақами мушаххаси андозсупоранда (ИНН);
- эъломия дар бораи даромадҳо ва вазъи молу мулкии худ (эъломияи андоз);
- нусхаи шиноснома;
- нусхаи билети ҳарбӣ (барои шахсоне, ки хизмати ҳарбиро адо намудаанд).
- маълумотнома аз ҷойи истиқомат;
- маълумотнома оид ба надоштани доғи судӣ (ИТС);
- нусхаи шаҳодатномаи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ (СИН);
- маълумотнома (объективка) дар шакли хаттӣ ва электронӣ.

**Ҳуҷҷатҳо аз ҷониби бахши кадрҳо ва таъминоти ҳуқуқии Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муҳлати 21 рӯз баъди чопи аввалини эълон дар шакли хаттӣ қабул карда мешаванд.**

Суроға: шаҳри Душанбе, кӯчаи академикҳо Раҷабовҳо - 3, индекс: 734025, тел: (372) 27-85-79.

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓ Сертификати ҳуқуқи истифодаи замини наздиҳавлигии дараҷаи А №0196805-и гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар ноҳияи Қубодиён дар асоси қарори раиси ноҳияи Қубодиён №371 аз 25-уми ноябри соли 2009 таҳти қайди 34 санаи 1-уми марти соли 2023 ба сокини деҳаи Чапарии Ҷамоати деҳоти ба номи У. Назаров Юлдошев Очилдӣ додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи шаҳрвандии гумшуда, ки онро ШВКД дар ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе ба Ҳабибова Ибодатхон Шоҳевна (санаи таваллуд – 14-уми апрели соли1993) додааст, эътибор надорад.

✓ Маълумотнома (справка)-и хатми Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур, ки онро донишгоҳи мазкур бо ихтисоси «Иқтисодиёт ва идоракунӣ» соли 1998 ба Ҳақназаров Хуршед Мирзоназарович додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи гумшуда, ки онро Донишкадаи ҳарбии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2020 ба Бобоев Бобоҷон Муҳамадиевич додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи № 0002248-и гумшуда, ки онро МДТ «Донишкадаи таҳсилоти баъдидипломии кормандони соҳаи тандурустии Тоҷикистон» таҳти қайди 156 санаи 3-юми декабри соли 2019 ба Шониёзов Асадҷон Маҳмадназарович додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи гумшудаи хоҷагии деҳқонии «Сиёвуш-2012» бо РЯМ 2530031204, ки онро Нозироти андози ноҳияи Шамсиддин Шоҳин ба роҳбари хоҷагии деҳқонӣ Расулова Гулбарг додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи хоҷагии деҳқонии «Насима»-и гумшуда, ки онро Нозироти андози Қубодиён 21-уми июни соли 2016 ба сардори хоҷагии деҳқонӣ Қодирова Дилором (РЯМ 3230042448) додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии мағозаи «Айём»-и гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар ноҳияи Рӯдакӣ таҳти қайди 4252 соли 2009 бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, шаҳраки Сомониён, бозори «Ганҷ» ба Джураев Фатҳулло додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии манзили истиқоматии гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе таҳти рақами инвентарии 50259, қайди 5497 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Ободкорон (собиқ Авул), ҳавлии №164 ба Саидов Ашурхол додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии манзили истиқоматии гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Қаҳрамон, хонаи 65 ба Аёмбекзода Шукронаи Алибек додааст, эътибор надорад.

✓ Дипломи №107705 0273395-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон соли 2015 ба Мискини Комилзод додааст, эътибор надорад.

✓ Шаҳодатномаи гумшуда, ки онро Маҷмӯи меҳмонхонаҳои Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2021 ба Саидова Муниса Алиевна додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии ҳавлидории гумшуда, ки онро Корхонаи фаръии «Бақайдгирии техникӣ»-и ноҳияи Рӯдакӣ моҳи декабри соли 2013 бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, Ҷамоати деҳоти Сарикиштӣ, деҳаи Маҳмадшоҳи поён ба Курбонов Ҳикматулло Ҷалолович додааст, эътибор надорад.

✓ Шиносномаи техникии хонаи истиқоматӣ таҳти рақами кадастрии 68-010-00002801-001-и гумшуда, ки онро КДФ «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» дар шаҳри Душанбе моҳи феврали соли 2023 бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Исмоили Сомонӣ, бинои 61/1, ҳуҷраи 4 ба Қурбонзода Фирдавс додааст, эътибор надорад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

✓ ҶДММ «Саид истеҳсол» (РЯМ 3210004729), ки дар Нозироти андози ноҳияи Қубодиён ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, фаъолияташро қатъ мекунад.

Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

✓ Абдулҳақов Суҳроб Абдулович, ки дорандаи Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №022731 ва РЯМ 0430119663 буда, дар Нозироти андози ноҳияи Сино 25-уми июли соли 2012 ба қайди давлатӣ гиифта шудааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ мекунад.

✓ ҶДММ «Ёсин-2013», ки дорои РЯМ 3210004573 буда, онро Нозироти андози ноҳияи Қубодиён ба Абдуллозода Руҳулло Хайрулло додааст, фаъолияташро қатъ менамояд.

Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

**Хонандагони азиз, инчунин Шумо метавонед хабару гузориш, матолиби мукаммалу таҳлилӣ ва шакли электронии рӯзномаи «Садои мардум»-ро аз сомонаи интернетии рӯзнома бо нишонии WWW.SADOIMARDUM.TJ дастрас намоед.**

Садои мардум

Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

Муассис: Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР АМИНИЁН Хӯҷаназар Файзулло

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:

*Маҳмудҷон Усмонов, Далер Абдулло, Ориф Ёдгоров, Сайфиддин Суннатов, Абдухолиқ Мирзоев, Шариф Атобуллоев, Фарзона Файзалиева.*

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир - факс - 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус - 238-53-56; муовин - 238-54-52; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-58-95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-52-97; шуъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шуъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосибот - 238-53-49; шуъбаи эълон ва реклама - 238-54-57; мухбирони махсус дар ВМКБ - 93-355-51-03, 93-458-65-69, Бохтар - 919-67-88-78, Кӯлоб - 985-82-81-97, Хуҷанд - 92-773-28-76, 92-771-76-72, водии Зарафшон - 93-535-06-66, ноҳияҳои минтақаи Рашт ва ноҳияи Сангвор - 918-68-40-17, НТМ - 000-03-03-80.

**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

*Ба чопаш 10 марти соли 2023, соати 16:30 иҷозат дода шуд. Адади нашр - 35540 нусха*

Навбатдорони шумора Ҳ. Тоҳирӣ ва Ф. Файзалиева

Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров

Рӯзномаи «Садои мардум» 30-юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ - 97